/

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна тахти унвони «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHd)-доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D 021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Даҳсолаҳои охир илми забоншиносии тоҷик рушд карда истода, муҳаққиқони забоншиноси тоҷик ба масъалаҳои муосири илми забоншиносӣ, аз ҷумла этнолингвистика, ономастика, социолингвистика, лингвистикаи гендерӣ, забоншиносии муқоисавӣ, матншиносӣ, калимасозӣ ва ғайра машғуланд.

Диссертатсияи таҳқиқотии Бойматова Дилрабо Меликмуродовна низ дар риштаи илми забоншиносии қиёсӣ таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ буда, ба мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)» бахшида шудааст. Дар рисола ва автореферат қайд мегардад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии муосири тоҷик таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)» ва тарҷумаҳои онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Чуноне ки аз мӯҳтавои автореферати рисолаи муҳаққиқи ҷавон бармеояд, ҷанбаи назариявии қисмати фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ хеле хуб матраҳ шудаанд.

Аҳамият ва мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар ду асари бадеӣ, яъне «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю мушаххасан оварда шудаанд. Ҳамчунин оид ба ҳусну қубҳи тарҷумаи асарҳои номбурда ва мавқеи истифодаи дуруст ва корбурди бамавқеи воҳидҳои фразеологӣ андешаҳои олимонаи муаллиф баён шудаанд. Инчунин муҳаққиқ комёбиҳои эҷодии ду адибро дар муқоисаи ҳам ба таҳқиқ гирифта, оид ба ҳунари нависандагии эшон дар истифодаи ибораҳои рехтаи забон, яъне фразеологизмҳо, андешаҳои хуби илмиро баён намудааст.

Муҳаққиқи ҷавон рисолати хешро дар таҳқиқи мавзӯи мавриди назар дарк карда, бо масъулияти том аз ӯҳдаи ин кор баромада, як рисолаи комилан хубу навро пешкаши аҳли назар ва аҳли илм намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи мавзӯъ ва феҳристи адабиёти истифодашудаи илмӣ иборат аст. Дар бахши муқаддимаи кор доир

ба аҳамияти мавзӯи таҳқиқшаванда, маводи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши масъала, навгонии илмӣ, ҳадафи таҳқиқ, аҳамияти назаривӣ ва амалии диссертатсияву равиши таҳқиқ, маълумот оварда шудааст.

Дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯ мухтасаран доир ба воҳидҳои фразеологӣ, ҳамчун ибораҳои рехта ва устувори нутқ, таркиби воҳидҳои фразеологӣ, навъҳои воҳидҳои фразеологӣ, гуногунии фразеологизмҳо-идиомаҳо, нуқтаи назари муҳаққиқон оид ба фразеологизмҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба бахши назариявии кор, ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ; ибораҳои рехтаи забони фаронсавӣ, ки дар боби аввали рисола, яъне диссертатсия матраҳ гардидаанд, маълумотҳои муфиди назариявӣ оварда шудаанд. Боби дуввуми кор бошад, аз се фасл иборат буда, дар ин боб таҳлили амиқ ва густурдаи воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва тарҷумаи фаронсавии он ба амал оварда шудааст. Дар ин боб таърихи эҷоди романи «Духтари оташ», мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар нусхаи тоҷикӣ ва тарҷумаи фаронсавӣ, гурӯҳи семантикии воҳидҳои фразеологӣ (ибораҳои рехтаи фразеологӣ ё идиомаҳо, ифодаи фразеологӣ ё фраземаҳо, ибораҳои тасирии фразеологӣ ё фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ) ва мавқеи зарбулмасалу мақоли асари номбурда оварда шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия муҳаққиқи ҷавон ба масъалаҳои зерин, яъне таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, дар намунаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю диққати ҷиддӣ додааст. Муҳаққиқ чунин натиҷагирӣ мекунад, ки дар повести «Бегона»-и Албер Камю назар ба романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ доираи истифодаи воҳидҳои фразеологӣ маҳдудтар аст ва устод Ҷ Икромӣ, ки ҳамзамон аз мактаби эҷодии устод С.Айнӣ гузаштааст, дар истифода ибораҳои рехта ва пуробуранг, яъне воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ хеле моҳир ва устод аст.

Пас аз натиҷагирӣ, чаҳор номгӯи мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар робита ба мавзӯи таҳқиқшуда, дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва се мақолаи илмии дигар, оид ба мавзӯи таҳқиқшуда дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, оварда шудааст, ки хеле ҷолибанд ва яке аз нишонаҳои муваффақияти муаллиф дар самти омӯзиши вижагиҳои истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и адиби Фаронса Албер Камю буда, аён мегардад, ки муаллифи диссертатсияи мазкур ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда ва соҳибназар ба камол расидааст.

Дар баробари муваффақиятҳои кор, дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯ баъзе ғалатҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ роҳ ёфтаанд, ки зикри онҳо ба фоидаи кор ҳоҳад буд, Аз ҷумла:

1) Дар автореферат ягон ишорае нисбати маъхазҳои истифодашудаи илмӣ дида намешавад;

2) Дар саҳифаҳои се, чор, сездаҳ ва ҳабдаҳуми автореферат ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ роҳ ёфтаанд.

3) Дар охири автореферат рӯйхати асарҳои муҳими илмии истифодашуда вуҷуд надорад.

Новобаста аз эродҳои ҷузъии боло, диссертатсияи мазкур кори хуби пурра анҷомёфта буда, мавзӯи мазкур хеле хуб ҳаллу фасл шудааст, дастовардҳои илмии муаллиф комилан илмии таҳқиқшуда буда, муҳаққиқи ҷавон ба ҳадафҳои дарназаргирифтаи хеш расидааст.

Мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна баёнгари он аст, ки дар диссертатсияи мазкур мавзӯъ пурра ҳаллу фасли худро ёфта ва ҷавобгӯ ба талаботҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон аст ва муаллифи диссертатсияи илмӣ сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHd)-доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D0205011 Забоншиносии (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Ходими калони илмии Институти забои**
**ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ,**
**номзади илми филология** **Б.Б.Тӯраев**

**Имзои Б.Б.Тӯраевро тасдиқ менамоям,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо:** **С.Ҳафизов**